**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия**

**_______________ Шарифзода Ф.Р.**

**«08» 02 2023 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Вазифаи сохтани давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлат мебошад. Татбиқи дигаргуниҳои куллӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа такмили шаклҳо ва усулҳои таҳкими қонунияти ягонаро тавассути баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура талаб мекунад.

Саволҳо дар бораи мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо ҷанбаи назариявӣ, балки амалӣ низ дорад, зеро назорати прокуратурӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлатро фаро мегирад.

Таъкид кардани он муҳим аст, ки прокуратура як мақомоти назорати давлатӣ мебошад ва он дорои як қатор хусусиятҳои махсус аст: мустақилият аз дигар мақомоти давлатӣ ва мақомотҳои маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои кушодон ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳо, гуногунии усулҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои татбиқи онҳо ва ғайра.

Маълум аст, ки мушкилот дар бораи мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни олимони ҳуқуқӣ баҳс мавҷуд аст ва таҳқиқоти амиқи худро талаб мекунанд, аз ҷумла бо назардошти таҷрибаи таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва манбаъҳои беруна. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд.

Нахустин самти илмие, ки муаллиф ба он ноил гардидааст, ин омӯзиши ҷанбаҳои таърихии ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура, ошкор намудани паҳлуҳои норавшани ташаккули ин падида мебошад. Диссертант дар таърихи инкишофи давлат ва ҷомеа нақши мақомоти прокуратураро хеле арзишманд меҳисобад.

Бахши дигари муваффақияти диссертант ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани мафҳуми мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки прокуратура мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ метавонад дар дигар самтҳое, ки дахолати назорати прокурорӣ зарур аст, фаъолият намояд. Дар назди мақомоти прокуратура вазифаи таъмини қонуният дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ вогузор гардидааст. Ин аз нақши бузург доштани мақомоти прокуратура ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа алоқаманд мебошад. (саҳ.58).

Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба андешаи муаллиф мақомоти прокуратура маҳз мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Яке аз сабабҳои пайдо шудани баҳсҳои илмӣ оид ба мақомоти прокуратура ба ақидаи диссертант истифодаи тасвияи носаҳеҳ дар қонунгузорӣ мебошад. Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура» Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад. (саҳ. 66-67). Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки мавҷуд будани баҳсҳои зиёд оид ба нақши прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият аз гузаштаи пасошӯравӣ маншаъ мегирад. Дар адабиёти ҳуқуқии он давра таҷзияи ҳокимият инкор карда мешуд, лекин дар баробари ин, қайд мешуд, ки чор шакли фаъолияти давлатӣ вуҷуд дорад: фаъолияти мақомоти намояндагӣ (ҳокимияти давлатӣ), фаъолияти иҷроияю амрдиҳӣ (идораи давлатӣ), адолати судӣ ва фаъолияти прокурорӣ.

Аммо агар се шакли аввал дар давраи пасошӯравӣ ба шохаҳои мустақили ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) табдил ёфта бошанд, масъалаи фаъолияти прокурорӣ ҳамчун шакли алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Дар ин асно дар адабиёти муосири хориҷию ватанӣ бештар ба он диққат дода шудааст, ки се шохаи бунёдии ҳокимиятро бо воситаҳои назоратӣ пурра кардан лозим аст ва нигоҳ

доштани ягонтои чунин воситаҳоро мақомоти прокуратура пешниҳод менамоянд, ки худ уҳдадоранд ҳолатҳои қонуншиканиро муқаррар кунанд ва барои бартараф намудани чунин холатҳо чораҳо андешанд.

Ба андешаи муаллиф таҳлили ақидаҳои пешниҳодгардида моро ба ду хулосаи асосӣ водор менамояд. Якум, бо ақидаи дар хусуси он ки прокуратура мақоми мустақилу соҳибихтиёри ҳокимияти давлатӣ аст ва ба ягон шохаи ҳокимияти дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда дохил намешавад, розӣ шудан лозим аст. Дуюм, прокуратура мақоми конститутсионӣ ва сервазифа буда, воситаи махсуси низоми «мувозинат ва боздорӣ»-и шохаҳои дигари ҳокимият ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, он бояд ба мувофиқ ва ҳамоҳанг будани фаъолияти мақомоти дигар мусоидат кунад, чунин амалҳоро муътадил гардонад, то ин ки ягон шохаи ҳокимият бартарӣ пайдо накунад ва шохаи дигари ҳокимиятро ба худ тобеъ накунад. Фарқияти усулҳои амалисозии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ин ё он мақоми давлатӣ набояд ягонагии ҳокимиятро халалдор созад.

Масъалаи мубрами дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст ин ҳамкории байни прокуратура ва мақмоти дигари давлатӣ мебошад, ки боби дуюми диссертатсия ба ин масъала бахшида шудааст. Доир ба ин масоил муаллиф аввалан робитаи мақомоти прокуратура ва парлумони кишварро таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура аз ҷумлаи он мақомотест, ки парламент бо онҳо ҳамкории мутақобила дорад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон ва амалия рисоланавис ба чунин хулосаҳо доир ба ҳамкории мутақобилаи мақомоти прокуратура ва Маҷлиси Олӣ омадааст:

Якум ин ки, новобаста аз аҳамияти бечунучарои парлумон дар давлат, ягон асоси ҷиддӣ барои эътироф намудани прокуратура ба ҳайси қисми таркибии ҳокимияти қонунгузор вуҷуд надорад. Прокуратура дар ҳамкорӣ бо парламент ба сифати шохаи комилҳуқуқи ҳокимият амал мекунад, ки дорои вазифа, ваколатҳо ва салоҳияти худ мебошад.

Дуюм ин ки, ҳамкории мутақобилаи мақомоти прокуратура ва Маҷлиси Олӣ дар се самт – назоратӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар давом муаллиф масъалаҳои иштироки мақомотҳои прокуратураро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муфассал таҳлил менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки мақомоти прокуратура дар тартиб додани баъзе санадҳои муҳимми меъёрӣ фаъолона иштирок мекунад. Дар баробари ин рисоланавис пешниҳод менамояд, ки як қатор меъёрҳои қонунгузорӣ такмил дода шаванд, аз ҷумла ба моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, аз ҷумла ибораи «фаъолияти қонунэҷодкунӣ» ба «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» иваз карда шавад. Ба андешаи ӯ, прокуратура дар ҳуқуқэҷодкунӣ ширкат мекунад, на дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ.

Дар ин банд муаллиф ба масъалаи додани ҳуқуқи ташаббуси конунгузорӣ ба прокуратура эътибор медиҳад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура ба субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дохил намешаванд. Аммо бо назардошти он, ки прокуратура як шохаи мустақили ҳокимият аст, ба он додани ин ҳуқуқ нақши муҳим дорад.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия ба мавзӯи робитаи мутақобилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти прокуратура бахшида шуда, дар он рисоланавис ҳамкориҳои мақомоти прокуратураро бо мақомоти ҳокимияти иҷроия таҳлил менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи ҳокимиятест, ки фаъолияти давлатиро ташкил мекунад ва барои ин сохторҳои махсус доро мебошад.

Барои муайян кардани шаклу усулҳои ҳамкории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои мақоми Президент ва мақоми прокуратураро аз ҷиҳати тақвияти конститутсионии онҳо ба назар гирифтан лозим аст. Асоси

конститутсионии ҳамкории Президент ва прокуратураро дар навбати аввал масъалаи ташкилию кадрӣ ташкил мекунад. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии ҶТ бо розигии Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Президенти ҶТ ба вазифа таъин ва озод менамояд. Инчунин Прокурори генералӣ соле як маротиба ё аз рӯи зарурат дар бораи ҳолати назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳисобот медиҳад. Ҳамкории мутақобилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти прокуратура дар самти мазкур ба он асос меёбад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки дар баробари ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани маъруза оид ба вазъияти риояи қонунҳо дар кишвар мақомоти прокуратура дар шахси Прокурори генералӣ ба Президент дар амалисозии функсияи конститутсионӣ ҳамчун кафили Конститутсия ва қонунҳо мусоидат мекунад. Дар ин сурат, қайд намудан лозим аст, ки Президенти ҶТ ба фаъолияти функсионалии мақомоти прокуратура дахолат намекунад, лекин назорати умумиро амалӣ мегардонад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбаст қайд кардан лозим аст, ки ҳамкории ташкилию кадрии Президенти ҶТ ва мақомоти прокуратура ба самарабахш ташкил намудани фаъолияти прокуратура равона гардида, ба принсипи тақсимоти ҳокимият ва низоми мувозинату боздорӣ асос меёбад ва таъиноти он мусоидат намудан ба татбиқи ягонаи талаботи Конститутсия ва қонунҳо дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи тадқиқоти анҷомдодашуда муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил намешаванд.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия ҳамкории мақомоти судӣ бо прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳлили гузарондашуда рисоланавис ба хулосаҳои зерин омадааст. Аввалан, мақомоти прокуратура ва судҳо дар самтҳои гуногун ҳамкории наздикро анҷом медиҳанд, ки мақсади он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон мебошад. Дуюм, прокуратура адолати судиро амалӣ намекунад ва назорати қонунӣ будани санадҳои судиро аз номи мақомоти олии судӣ анҷом намедиҳад. Аз ҷиҳати сохтор бошад, прокуратура ба низоми судҳо дохил намешавад, ва прокурорҳо ба чунин мақомот ҳисботдиҳанда ва тобеъ нестанд. Сеюм, ҷанбаҳои ҳамкории мақомоти судӣ ва прокуратура бояд мушаххас карда шаванд ва такмил ёбанд, махсусан вобаста ба ҳамкории мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ. Айни ҳол масъалаҳои таносуби фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Қонунгузории кишвар ба сифати яке аз субъектони ба Суди конститутсионӣ муроҷиаткунанда оид ба мутобиқати санадҳои қабулнамуда прокуратураро низ меҳисобад. Лекин оид ба масъалаҳои таносуби фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ як қатор нуктаҳое мавҷуданд, ки онҳо бояд аниқ карда шаванд. Яке аз чунин масъалаҳо имконияти муроҷиат кардани Прокурори генералӣ ба Суди конститутсионӣ оид ба мутобиқи Конститутсия будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки нисбати шаҳрвандон дар ҳолати мушаххас татбиқ шудаанд ва ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳоро поймол мекунанд.

Азбаски яке аз вазифаҳои асосии прокуратура дар Тоҷикистон назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ҳама сохторҳо ва шахсони мансабдор мебошад, ба фикри мо, пешниҳоди ҳуқуқи мазкур ба мақомоти прокуратура аз рӯйи мантиқ хоҳад буд.

Ҷанбаи дигари муносибатҳои байни мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ, ки бояд мушаххас карда шавад, масъалаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии конститутсионӣ мебошад. Аз таҳлили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти прокуратура ва Суди конститутсионӣ чунин бармеояд, ки нақши прокуратура дар мурофиаи судии конститутсионӣ пурра мушаххас гардонда нашудааст. Аз таҳлили

меъёрҳои қонунгузории амалкунанда маълум мешавад, ки прокурор дар мурофиаи судии конститутсионӣ иштирок мекунад, лекин дар баробари қайд намудани гурӯҳи парвандаҳое, ки ҳангоми баррасии онҳо прокурор иштирок карда метавонад, парвандаҳои ба Суди конститутсионӣ вобастаро ёдрас намекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Диссертант дар рисолаи илмии худ пешбинӣ намудааст, ки яке аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки бо прокуратура дар робитаи зич қарор дорад, ин мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, қайд шудааст, ки ба сифати самтҳои асосии ҳамкориҳои мутақобилаи онҳо метавон дохил намуд: муносибат дар функсияи ҳуқуқмуҳофизавии прокуратура ва суд; шароит барои татбиқи назорати прокурорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ; муносибати назорати прокурорӣ ва контроли судӣ барои қонуният ва самаранокии истифодаи чораҳои мурофиавӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ; ҳамкории мутақобилаи прокуратура бо суд ҳангоми амалӣ намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ (пешниҳоди 6). Аммо дар матни диссертатсия пешниҳоди мазкур танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок шуда парванда ва қарорҳои судӣ мавриди таҳлил қарор дода нашудааст. Доир ба ин масъала, мехостем муаллиф мушаххас намояд, ки у бо дарназардошти кадом омилхо аз истифода намудани таҷрибаи амалии ҳамкории мақомоти судӣ бо прокуратура доир ба мавзӯи такризшаванда худдорӣ намудааст.

2. Яке аз тавсияҳои амалии муаллиф (тавсия 2, саҳ. 14) дар моддаи 11-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ивази ибораи “фаъолияти қонунэҷодкунӣ” ба «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» пешниҳод шудааст. Пешниҳоди мазкур асоснокунии иловагира талаб менамояд.

3. Дар матни рисола (саҳ. 78-79, 108, 180-181) истилоҳҳои «мустақил» ва «соҳибихтиёр» дар иртибот ба масъалаи мақоми прокуратура, чандин маротиба истифода гардидаанд, аммо, мавқеи муаллиф вобаста ба таносуби

онҳо бо таври возеҳ баён нагардидааст, ҳоло он, ки дар меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи мустақил ва соҳибихтиёр буда мақомоти прокуратура дарҷ нагардидааст. Хуб мешуд, дар рафти ҳимояи ошкоро атрофи ин масъала муаллиф ба таври муфассал андешаи худро баён менамуд.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули мақомоти прокуратура, табиати ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва мавқеи он дар низоми мақомоти давлатӣ муайян карда шавад.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Исмоилзода С.А. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории соҳаи фаъолияти прокурорӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Назорати прокурорӣ» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "зид" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 6 аз 13 январи соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Каримзода Умар Карим – сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар маҷлиси кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 12 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 7 аз 29 январи соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
**Сардори факултети №2, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Мансурзода А.М.**

**Ташхисгар:**
**Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Каримзода У.К.**

**Ихтисос: 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**Котиби ҷаласа** **Қурбонзода Ҷ.Ғ.**

**Имзои “Мансурзода А.М., Каримзода У.К. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.”-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия** **Музаффарзода Б.З.**

**Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулова, 3. Тел.: +992 (37) 226-60-42 Факс: +992 (37) 226-60-43; E-mail: tam300986@mail.ru**